# МАЪЛУМОТНОМАИ АСОСНОККУНӢ

ба лоиҳаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Лоиҳаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таҳия гардидани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия карда шудаанд.

Қобили тазаккур аст, ки таҳияи лоиҳаҳои зикргардида ҷиҳати иҷрои банди 40-и Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 дар солҳои 2021-2025 равона гардидаанд.

Мақсад аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ ин муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир буда, ҳангоми қабул гардидани он зарурати ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба миён меояд.

Зеро дар сурате, ки миқдори моддаҳои сахттаъсири мусодирашуда таркиби ҷиноятро ташкил надиҳанд, шахси содирнамудаи чунин кирдор аз ҷавобгарии ҳуқуқӣ дур мемонад. Чунки барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир, ки таркиби ҷиноятро ташкил намедиҳад, айни ҳол ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ нагардидааст.

Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ дониста мешавад, ки ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаҳои $128^{1}$ илова карда шуда, барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар карда шавад.

Инчунин, дар лоиҳа ворид намудани калимаи “тасарруф” ба моддаи 128 КҲМ пешбинӣ шудааст. Мақсад аз ворид намудани иловаи мазкур муқаррар намудани ҷавобгарии маъмурӣ барои тасарруфи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, прекурсорҳо ва моддаҳои сахттаъсир ҳангоми набудани аломатҳои таркиби ҷиноят мебошад.

Дар ин робита, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, дар қисмҳои 1 ва 2

моддаи 97 дар мавриди тобеияти баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ваколати баррасиву таъйини ҷазои маъмурӣ ба КМҲМ тағйиру иловаи дахлдор ворид карда мешавад.

Зеро бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 2023, №543 Раёсати Агентӣ дар шаҳри Душанбе таъсис ёфтааст, ки он дорои ваколати гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ – ҷустуҷӯӣ мебошад ва бе ворид намудани илова ба қисми 2 моддаи 97 КМҲМ амалӣ намудани ҳуқуқи баррасӣ ва таъйини ҷазои маъмурӣ аз номи Агентиро айни ҳол надорад.

Лоиҳаҳои зикршуда бо як қатор вазорату идораҳо мувофиқа гардида, ҳангоми коркарди дубора бо назардошти таклифу эродҳои пешниҳоднамудаи онҳо такмил дода шуданд.

Тибқи бандҳои 13, 14 ва 15 Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои зикршуда гузаронида шуда, дар онҳо омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор нагардид.

Лоиҳаҳои зикршуда ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, пас аз қабул гардидани он зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён наоварда, ҳамзамон аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунанд.

Агентии назорати маводи нашъаовари назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон